# ҚАРОРИ
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-014
## назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**аз 26 декабри соли 2025, №73** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сайфуров К.Ф., тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон; тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Икромӣ Нуриддин Қиём, баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Ҳикматов У.С., д.и.и., профессор Шариф Раҳимзода, д.и.и., профессор Умаров Х.У. ва д.и.и., дотсент Шарифзода Б.М., Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос тибқи «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Буриев Шоҳин Муддинович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Буриев Шоҳин Муддиновичро бо дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос сарфароз гардонад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 декабри соли 2025.**